ҶСК "ТАВҲИДБОНК"

## АЗ ҶОНИБИ РОҲБАРИЯТ ТАСДИҚ КАРДАНИ МАСЪУЛИЯТ ҶИҲАТИ ОМОДА НАМУДАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 АНҶОМ ЁФТ

Тасдиқоти дар поён овардашуда, ки бояд бо тавсифи ӯҳдадориҳои аудиторони мустақил якҷоя баррасӣ гардад, барои гузоштани ҳудуд байни масъулияти аудиторони мустақил ва масъулияти роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тавҳидбонк" (минбаъд - "Бонк") ба амал оварда шудааст.

Роҳбарияти Бонк барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ масъулият ба зимма мегирад, ки он вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйироти дар сармояи Бонк баамаломадаро дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) ба таври воқеъбинона ва ҳамаҷиҳата инъикос намудааст.

Дар рафти омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин масъулият ба зимма мегирад:

- интихоби принсипҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи пайдарҳами онҳо;
- истифодаи баҳогузорӣ ва ҳисобу китоби асоснок;
- риояи талаботҳои СБҲМ; ва
- омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз нуктаи назари имконпазирии фарзияе, ки Бонк фаъолияти худро дар оянда низ давом дода метавонад (ба истиснои ҳолатҳое, ки амалидошти чунин фарзия бо қонун манъ карда шудааст).

Роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин низ масъулият ба зимма мегирад:

- таҳияву татбиқ кардан ва таъмин намудани амалкарди самаранок ва боэътимоди низоми назорати дохилӣ дар Бонк;
- истифода намудан аз низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки имкон медиҳад ҳар лаҳза дар бораи вазъи молиявии Бонк маълумоти ба дараҷаи кофӣ аниқ омода гардида, мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ таъмин карда шавад;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ дар мувофиқа бо қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон;
- ҷиҳати таъмини ҳифзи дороиҳои Бонк дар доираи салоҳияти худ чораандешӣ намудан; ва
- ошкор намудан ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳои қаллобиву фиребгарӣ, хатоҳо ва сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Роҳбарияти Бонк дар таърихи 31 марти соли 2020 тасдиқ карда шуд.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

| | |
|---|---|
| **Зардов Шерали**<br>**Директори Генералӣ** | **Давлатов Фаррух**<br>**Директори Молиявӣ** |
| 31 марти соли 2020<br>ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон | 31 марти соли 2020<br>ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон |

bakertilly

Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
куч. Бохтар 37/1, офиси 502

T: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳмдорон ва Роҳбарияти ҶСК "Тавҳидбонк":

**Ақидаи аудитор бо эзоҳ**

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимагардидаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тавҳидбонк" (минбаъд - Бонк)-ро ба амал овардем, ки он ҳисоботҳои зеринро дар бар мегирад: ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2019, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромадҳои ғайр, ҳисобот оиди тағйиротҳо дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дар давоми соле, ки дар таърихи зикргардида ба анҷом ёфтааст, инчунин ҳисоботи мазкур ошкоркунии принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва тавзеҳоти дигарро дар бар мегирад.

Ба ақидаи мо, ба истиснои таъсири имконпазири ҳолатҳое, ки дар банди "Асос барои ақида бо эзоҳ" овардашудаанд, ҳисоботи молиявии замимашаванда вазъи молиявии Бонкро ба ҳолати 31 декабри соли 2019, инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулиии онро дар соле, ки дар санаи ишорагардида анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ба таври эътимодбахш ва ҳамаҷониба инъикос намудааст.

**Асос барои акида бо эзоҳ**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2019, дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Бонк қарздории дебитории маблағгузории исломӣ дар ҳаҷми 726 ҳазор сомонӣ, бо назардошти захира барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи қарздории дебитории маблағгузории исломӣ дар ҳаҷми 66 ҳазор сомонӣ пешниҳод шудаанд. Бонк захира барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи маблағгузориҳои ба мизоҷон додашударо мутобиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб мекунад, ки аз усули ҳисоб кардани захира тибқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ фарқ мекунанд. Бонк модели ҳисоб ва эътирофи зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи қарзҳо ба мизоҷонро мутобиқи СБХМ 9 "Воситаҳои молиявӣ" (минбаъд "СБХМ 9") татбиқ накардааст. Татбиқи расмиёти алтернативии аудитӣ барои ҳисоб ва эътироф кардани зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи қарзҳо ба мизоҷон додашуда мутобиқи СБХМ 9 кифоя набуд. Дар натиҷаи ин ҳолатҳо, мо натавонистем муайян кунем, ки чӣ гуна тасҳеҳотҳо дар робита бо арзёбии захираи зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи қарзҳо барои риояи талаботҳои СБҲМ 9 ба ҳолати 31 декабри соли 2019 метавонистанд зарур бошанд.

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит ба амал овардем (минбаъд – "СБА"). Масъулияти мо мутобиқи ин стандартҳо минбаъд дар ақидаи мо дар қисмати "Масъулияти аудиторон нисбати ҳисоботи молиявӣ" шарҳ дода мешавад. Мо аз Бонк тибқи "Кодекси одоби муҳосибони касбӣ"-и Шӯрои стандартҳои байналмилалии одоби муҳосибон (минбаъд "Кодекси ШСБОМ") ва талаботҳои одобие, ки ба аудити мо нисбати ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, мустақил мебошем ва дигар ӯҳдадориҳои одобиро тибқи ҳамин талаботҳо ва кодекси ШСБОМ иҷро намудем. Мо гумон дорем, ки далелҳои аудитории дастраснамудаи мо кифояанд, то ин ки мо дар бораи ҳисоботи молиявии мазкур ақидаи худро бо эзоҳ ифода карда тавонем.

**Бобе, ки ҷолиби диққат аст**

Акидаи манфӣ пешниход накарда, мо диққати шуморо ба масъалаҳои зерин ҷалб менамоем:

*Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузориҳои исломӣ ва қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда*

1 июли соли 2019 Бонк бо номи "Тавҳидбонк" иваз карда шуд ва аз 16 сентябри соли 2019, аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома, ҳамчун якумин бонки комилҳуқуқи исломӣ дар Тоҷикистон фаъолият мекунад. Бонк пасандозҳоро аз мардум қабул мекунад, амалиётҳои молиявиро дар асоси принсипҳои меъёрҳо ва қоидаҳои Шариат, интиқоли пул, амалиётҳои мубодилаи асъор ва дигар хизматрасониҳои бонкиро ба мизоҷони тиҷоратии худ пешниҳод менамояд. Гузариши пурраи системавӣ аз бонкдории анъанавӣ ба бонкдории исломӣ 31 октябри соли 2019 ба анҷом расид.

Бақияи қарзҳои додашуда ва фоизҳои ҳисобшуда ба санаи 31 октябри соли 2019 мутаносибан 14,959 ҳазор сомонӣ ва 3,814 ҳазор сомониро ташкил доданд. ФПТИ аз рӯи қарзҳои додашуда ва фоизи ҳисобшуда мутаносибан 11,913 ҳазор сомонӣ ва 634 ҳазор сомониро ташкил доданд. Тибқи қарори роҳбарияти Бонк, як қисми қарзҳо ба маҳсулоти нав Кард Ҳасан гузаронида шуд ва барои қисми боқимонда захира нисбати зарари эҳтимолии қарзӣ ҳисоб карда шуд, бинобар ин қарзҳо ба баҳисобгирии ғайринизомӣ баровварда шуданд.

Барои мувофиқа кардани раванди гузариш аз бонки анъанавӣ ба бонки исломӣ ва мувофиқа кардани шароит ва дурустии маҳсулоти молиявии исломӣ ба талаботҳои бонкдории исломӣ, стандартҳои ТБАТМИ (AAOIFI), мутахассисони “Маркази бонкдории исломӣ ва иқтисодии Ал-Ҳуда” АМА ҷалб карда шуданд. Дар натиҷаи санҷиш, ҳеҷ эътирозе пайдо нашуд.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ рохбарият оиди бахогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти катънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти катънашаванда татбиққкунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Бонкҳои фаъолияташон катънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноии мавридхое, ки рохбарият нияти барҳамдихии Бонк, катъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб меравандa.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва хисоботи молиявии ки акидахои моро иброз менамоянд, пешниход менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар хисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва бахоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани акидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Бонк, дастрас намудем;

- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти катънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Бонк ба фаъолияти катънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавчудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир дихем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти катънашандаи Бонк гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо бо шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ дар доираи нақша ва мӯҳлати гузаронидани санҷиш ва хулосаҳои назарраси аудит, аз ҷумла ҳар гуна камбудиҳои назаррас дар назорати дохилӣ, ки мо дар давоми аудит муайян кардем, муошират намудем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ далелҳои ичро намудани талаботҳои новобастагии худро тибқи талаботҳои одобӣ пешниход намуда, бо тамоми масъалаҳои дигари ба новобастагии мо дахлдор бо онҳо муошират намудем ва дар мавридҳои лозим кафолатҳои марбут пешниход намудем.

Далер Кабилов

Директор, ҶДММ “Бейкер Тилли Тоҷикистон”

Иҷозатномаи № 0000063, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст.

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶСК "ТАВҲИДБОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ МАҶМӮИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ. | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳо аз фаъолияти маблағгузории исломӣ | | 12 | - |
| Хароҷотҳо аз фаъолияти маблағгузории исломӣ | | (1) | - |
| ДАРОМАДИ СОФ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ | | 11 | - |
| Ташаккули захира барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз руйи қарздории дебитории маблағгузории исломӣ | | (66) | - |
| ЗАРАРИ СОФ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ | | (55) | - |
| Даромадҳои фоизӣ | 5 | 1,482 | 3,092 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 5 | (760) | (918) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО НИСБАТИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | | 722 | 2,174 |
| Барқароркунии/(ташаккули) захира барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 8 | 6,622 | (5,687) |
| ДАРОМАДИ /(ЗАРАРИ) СОФИ ФОИЗӢ | | 7,344 | (3,513) |
| Даромадҳои комиссионӣ | 6 | 16,224 | 12,313 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 6 | (1,833) | (2,250) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 12,774 | 17,922 |
| Ташаккули захираҳо оиди беқурбшавии дороиҳои ғайр | 9 | (16,078) | (4,558) |
| Дигар даромадҳо, нетто | 10 | 304 | (1,679) |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 11,391 | 21,748 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 11 | (24,630) | (20,292) |
| ЗАРАР ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | (5,950) | (2,057) |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 12 | (1,361) | (445) |
| ЗАРАР ДАР ДАВОМИ СОЛ | | (7,311) | (2,502) |
| Даромади маҷмӯи ғайр | | - | - |
| ҲАМАГӢ ЗАРАРИ МАҶМӮИ ҒАЙР | | (7,311) | (2,502) |
| ЗАРАР БАР САҲМИЯ | | (1.2) | (0.50) |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шерали**
**Директори Генералӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори Молиявӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-60 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

**ҶСК "ТАВҲИДБОНК"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ**
**БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2019**
*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 13 | 44,055 | 22,666 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 14 | 14,585 | 12,737 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблаӯгузориҳои исломӣ | 15 | 660 | - |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 16 | - | 15,239 |
| Сармоягузориҳо дар қоғазҳои қиматнок | 17 | 35 | 41,550 |
| Дороиҳои дарозмуддати барои фурӯш таъиншуда | 18 | 179 | 112 |
| Воситаҳои асосӣ | 19 | 15,114 | 14,875 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 20 | 3,248 | - |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 21 | 5,646 | 184 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 12 | 2,366 | 2,823 |
| Дигар дороиҳо | 22 | 16,290 | 20,820 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 102,178 | 131,006 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО | | | |
| Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | 23 | 72 | 8,245 |
| Амонатҳои мизоҷон | 24 | 18,662 | 32,635 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 20 | 3,509 | - |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 25 | 11,726 | 14,606 |
| | | 33,969 | 55,486 |
| САРМОЯ | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 26 | 65,000 | 50,000 |
| Захираҳои умумӣ | | 13,343 | 26,112 |
| Зарари ҷамъшуда | | (10,134) | (592) |
| | | 68,209 | 75,520 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | 102,178 | 131,006 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шерали**
**Директори Генералӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори Молиявӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-60 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

**ҶСК “ТАВҲИДБОНК”**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Сармояи саҳомӣ | Захира оиди align азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | Захираи умумӣ | Зарари ҷамъшуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 31 декабри с. 2017 | 26 | 50,000 | 4,910 | 19,531 | 3,860 | 78,301 |
| Натичаи татбики СБХМ 9 | | - | - | - | (279) | (279) |
| Бақия ба 1 январи с. 2018 | 26 | 50,000 | 4,910 | 19,531 | 3,581 | 78,022 |
| Азруйхатгирии фонди азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | - | (4,910) | - | 4,910 | - |
| Ҳиссаҷудокунӣ ба захираи умумӣ | | - | - | 6,581 | (6,581) | - |
| Зарар дар давоми сол | | - | - | - | (2,502) | (2,502) |
| Бақия ба 31 декабри с. 2018 | 26 | 50,000 | - | 26,112 | (592) | 75,520 |
| Ҳиссаҷудокунӣ ба захираи умумӣ | | - | - | 2,231 | (2,231) | - |
| Афзоиши сармояи оинномавӣ (саҳомӣ) | 26 | 15,000 | - | (15,000) | - | - |
| Зарар дар давоми сол | | - | - | - | (7,311) | (7,311) |
| Бақия ба 31 декабри с. 2019 | 26 | 65,000 | - | 13,343 | (10,134) | 68,209 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шерали**
**Директори Генералӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори Молиявӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-60 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

ҶСК "ТАВҲИДБОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| Зарар то баҳисобгирии хароҷотҳои андоз аз фоида | | (5,950) | (2,057) |
| Тасҳеҳот оиди: | | | |
| Ҳаракат дар захира барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз рӯи карзҳои ба мизочон додашуда | 8 | 6,622 | (5,687) |
| Фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ | 11,19,21 | 4,305 | 2,881 |
| Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 11,20 | 428 | - |
| Ҳаракат дар захира оиди беқурбшавии дороихои дарозмуддати барои фуруш таъиншуда | 9 | 216 | 103 |
| Ҳаракат дар захира барои зарари эҳтимолии карзӣ аз рӯи воситахо дар бонкхо ва системаҳои интиқоли маблағҳо | 9 | 73 | (220) |
| Ҳаракат дар захира барои қарзҳои шубҳанок | 9 | 16,075 | 4,690 |
| Ҳаракат дар захира оиди дигар дороиҳо | 9 | (286) | (15) |
| Ҳаракат дар захира барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз руйи қарздории дебитории маблағгузории исломӣ | | 66 | - |
| Ҳаракат дар захира оиди рухсатии истифоданашуда | 11,25 | 112 | (781) |
| Хароҷоти молиявӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷоравӣ | 5 | 561 | - |
| Зарар оиди азҳисоб баровардани воситаҳои асосӣ | 10 | 85 | 1,389 |
| Фарқияти қурбӣ оиди амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | (591) | (779) |
| Даромади софи фоизӣ | 5 | (1,283) | (2,174) |
| Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | 20,433 | (2,650) |
| Тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | | |
| Камшавии воситаҳои бонкҳо | | 1,025 | 8,309 |
| Афзоиши қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузориҳои исломӣ | | (726) | - |
| Камшавии қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда | | 7,390 | 7,855 |
| (Афзоиши)/камшавии дигар дороиҳо | | (7,693) | 2,492 |
| Камшавии амонатҳои мизоҷон | | (14,600) | (8,268) |
| (Камшавии)/афзоиши воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | | (8,448) | 1,006 |
| (Камшавии)/афзоиши дигар ӯҳдадориҳо | | (4,688) | 6,372 |
| (Хориҷшавии)/воридшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | (7,307) | 15,116 |
| Фоизҳои бадастовардашуда | | 2,383 | 7,647 |
| Фоизҳои пардохтгардида | | (605) | (1,622) |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (1,505) | (2,438) |
| (Хориҷшавии)/воридшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ: | | (7,034) | 18,703 |

ҶСК "ТАВҲИДБОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 АНҶОМ ЁФТААСТ (ДАВОМ)

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | | |
| Харидани воситаҳои асосӣ | 19 | (3,866) | (80) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 10 | 44 | - |
| Харидани воситаҳои ғайримоддӣ | 21 | (5,825) | - |
| Фуруши/(хариди) қоғазҳои қиматнок | | 41,908 | (26,107) |
| Воридшавии/(хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ: | | 32,261 | (26,187) |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Пардохти маблағи асосӣ аз рӯи пардохтҳои иҷора | 20 | (167) | - |
| Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | | (167) | - |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | | 295 | (523) |
| АФЗОИШИ/(ХОРИҶШАВИИ) СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО | | 25,060 | (7,484) |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 13 | 32,305 | 40,312 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол | 13 | 57,660 | 32,305 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шерали**
**Директори Генералӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори Молиявӣ**

31 марти соли 2020
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-60 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.